«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», номзади илмҳои филологӣ, дотсент
_______________ Назарзода М. М.
«13» марти соли 2026.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Ахмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад – «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» аз зумраи мавзуъ ва масоили илмиест, ки ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ мувофиқати комил дорад.

Дар журналистикаи солҳои охири муосири тоҷик мавзуъ ва масъалаҳои журналистикаи байналхалқӣ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро таҳқиқу баррасии онҳо паҳлуҳои мухталифи илми соҳаро ошкор месозад. Аз ин нуктаи назар, диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад ба як масъалаи дорои аҳаммияти хос бахшида шуда, унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқ ба дастовардҳои муайян ноил шудааст. Мавзуе, ки ба сифати пажуҳиш интихоб гардидааст, сатҳу дараҷаи худ аз мавзуъҳои нав дар журналистикаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи мазкур дар густариши таҳқиқоти илмӣ дар самти журналистика, хусусан таҳқиқи масъалаҳои журналистикаи байналхалқӣ, истифодаи назарияҳои муосири таҳлили матн, пешниҳоди равишҳои тозаи таҳқиқи масъалаҳои калонмиқёс, омӯзиши сатҳи фаъолияти минтақавии расонаҳои байналмилалӣ саҳми муносиб гузошта, дар мисоли расонаи мушаххас ин мавридҳоро баррасӣ намудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосир таваҷҷуҳ намудан ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои асосии журналистика ба шумор меравад, зеро ин навъи расонаҳо дар фазои иттилоотии дунё нақш дошта, барои пуррасозии он саҳми назаррас мегузоранд. Инчунин, ин намуди

воситаҳои ахбори омма доираи фаъолияти хеле васеъро доро буда, аз аксар гӯшаву қанори олам имкони гирдоварии маълумоту иттилоотро доранд ва онро ба муштариёни худ дар саросари дунё мерасонанд. Аз ин нигоҳ, баррасии вазъи як минтақаи мушаххас – Осиёи Марказӣ аз ҷониби расонаи байналмилалии аврупоӣ – Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун мавзуи пажуҳиши алоҳида мубрам аст, зеро дар он вижагиҳои инъикоси рӯйдоду ҳодисаҳои кишварҳои ин минтақа, таваҷҷуҳи хос ба кишварҳо, ба мавзуъ ва масъалаҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад. Инчунин, шоистаи таъкид аст, омӯзиши фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ аз он ҷиҳат боз аҳаммиятнок аст, ки ин навъи расонаҳо дар фазои иттилоотии кишварҳои минтақа низ мавқеъ доранд ва огоҳ будан аз самту сатҳи фаъолияти онҳо барои дарки пурраи вазъи фазои иттилоотии ҳар як кишвари минтақа мусоидат менамояд. Дар диссертатсия ба сатҳи касбияти рӯзноманигори расонаҳои байналмилалӣ низ таваҷҷуҳ шудааст. Ин паҳлуи мавзуи мазкур ҳам мубрамии онро собит менамояд, чунки ин ҷанба ба ташаккули касбият дар воситаҳои ахбори оммаи дохилии кишварҳои минтақа заминагузор шуда метавонад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниход, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Диссертант аз мутолиаву таҳқиқи маводди гирдоваришуда ба ин натиҷа расидааст, ки истифодаи гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси асосҳои журналистика, журналистикаи байналхалқӣ, махсусан, фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар минтақа ва кишварҳои алоҳида аҳаммиятнок мебошанд. Таваҷҷуҳи хос ба мавқеи расонаи байналмилалии «Мавҷи Олмон» нисбат ба Тоҷикистон дар ин боб шоистаи таъкид аст. Хулосаю пешниҳодҳои унвонҷӯ натиҷа ва бардошт аз масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда мебошад, ки дорои асос ва ҷанбаи қавии илмист.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад падидаи илмии нав маҳсуб меёбад ва дар соҳаи журналистика аз зумраи пажуҳиши арзишманд ба ҳисоб меравад. Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар соҳаи рӯзноманигории байналхалқӣ, хусусан, журналистикаи тоҷик расонаи байналмилалии «Мавҷи Олмон» мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. То ин замон дар журналистикаи тоҷик расонаҳои байналмилалии дигаре, ки дар фазои иттилоотии кишвари мо низ мавқеъ доранд, таҳқиқ шуда буданд, аммо ин расона бори нахуст ба доираи таҳлилу таҳқиқ кашида шудаанд. Дар диссертатсия робитаи мутақобилаи байни мундариҷаву сабки нигориш ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои ҳосилшудаи раванди таҳқиқ бомарому саҳеҳ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муаллифи диссертатсия зимни пажуҳиши хеш усулу равишҳои таҳлили фаъолияти расонаҳои байналмилалиро ба миён гузоштааст, ки ин барои соҳаи журналистика судмандиҳо дорад. Инчунин, таҳқиқи мавзуи мазкур барои ташаккули фазои илмии дохилӣ мусоидат мекунад, зеро барои таҳлилу баррасии мавзуъҳои монанд ба он заминагузорӣ карда, таҷрибаи расонаҳои байналмилалиро дар самти пайдонамоии мавқеи устувор ба миён мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқ ба рушди фаъолияти рӯзноманигорӣ мусоидат карда, барои таҳқиқи масъалаҳои дигари журналистикаи байналхалқӣ мавод медиҳад. Аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки хулоса ва натиҷабардориҳои илмии довталаб барои таълифи монографияҳо оид ба асосҳои журналистика, махсусиятҳои журналистикаи байналхалқӣ, мақолаҳои тахассусии илмӣ, китобҳои дарсии вобаста ба журналистикаи байналхалқӣ, мақолаҳои илмии марбут ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ муфид буда метавонад. Диссертатсия барои таълими курсу семинарҳои махсус оид ба журналистикаи байналхалқӣ, махсусиятҳои фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ ва дар навиштани рисолаҳои номзадӣ, доктори фалсафа (PhD) ва рисолаҳои хатму магистрӣ ёрӣ расонида метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои пажуҳиши диссертатсионии Анҷум Маҳмуд Аҳмад аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, диссертант дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ, нақд, мубоҳисаву муҳокима ва дар асоси далелҳои боварибахш ба натиҷаҳои мушаххас расидааст. Кори таҳқиқии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу фаслҳои диссертатсия баҳсҳои судманди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоси илмӣ дошта, дар 4 банд пешниҳод гардида, асоснок ва қобили эътимод мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар доираи таҳқиқи мавзуъ ва баррасии вазъи Осиёи Марказӣ дар нигоҳи расонаҳои байналмилалӣ саҳми шахсии довталаб ба назар расида, хусусан, дар таҳқиқи махсусиятҳои фаъолият дар Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» хеле равшан ба мушоҳида мерасад. Ҷанбаи дигар ҳам шоистаи зикр аст, ки муаллифи диссертатсия на танҳо фазои иттилоотии кишвари мо, балки дигар кишварҳои минтақаро, дар маҷмуъ, мавриди таҳқиқ қарор дода, инъикоси рӯйдодҳои ин кишварҳоро аз ҷониби як расонаи байналмилалӣ баррасӣ намудааст.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад як қатор масъалаҳои муҳимми журналистикаи байналхалқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ

қарор гирифтаанд. Танзими сохтории диссертатсия низ ҷолиб буда, масъалаҳои бамиёнгузошташуда бо мисолҳои мушаххас таҳлилу таҳқиқ ва собит гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Фаъолияти расонаи байналмилалии «Мавҷи Олмон», ки дар диссертатсия ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баёнгари он аст, ки таҳқиқ ба таври шоиста анҷом ёфта, бахши асосии он ки ба ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ин ширкати байналмилалӣ бахшида шудааст, маводди арзишманд мебошад.

Дар умум, мавриди пажуҳиш қарор гирифтани махсусиятҳои фаъолияти як расонаи байналмилалӣ дар фазои иттилоотии минтақаи мушаххас дорои аҳаммияти махсус буда, қобили таваҷҷуҳ аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ин кори таҳқиқӣ дар ҳаҷми 170 саҳифаи чопи компютерӣ манзур гардидааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ»** ном дошта, аз 2 фасл иборат мебошад. Дар **фасли аввал** таҳти унвони **«Мурури ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ»** сайри таърихие ба таъсиси расонаҳои байналмилалӣ сурат гирифтааст, ки дар он дар навбати аввал, ба таъсиси агентиҳои иттилоотӣ ҳамчун нахустин омили зуҳури расонаҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар баробари ба таърихи аввалин агентии иттилоотии олам – Франс Пресс (дар ибтидо Гавас) равшанӣ андохтан, муҳаққиқ инчунин роҷеъ ба таърихи таъсиси агентиҳои дигаре мисли Ассошиейтед Пресс, Рейтер, Дойче Пресс-Агентур, Синхуа, ширкати радио ва телевизиони BBC, радиои «Озодӣ» маълумоти мухтасар медиҳад. Ба ин андешаи муаллиф метавон розӣ шуд, ки «фаъолияти расонаҳои хориҷӣ дар фазои кишварҳои дигар, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, аз як тараф, пешниҳоди иттилову гузоришҳо дар бораи воқеоти муҳимми ҷаҳон ва минтақа бошад, аз ҷониби дигар, таблиғу ташвиқи ҳадаф ва пиёдасозии сиёсати кишварҳои дахлдор мебошад, зеро ҳеҷ гоҳ як кишваре бо нияти неку созанда ба хотири таъмини ҳуқуқи мардуми кишвари дигар бо иттилоъ маблағ намедиҳад»

[диссертатсия, с. 35-36]. **Фасли дуюм «Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»** ном дошта, ба таври муфассал ва муфид оид ба таърихи таъсису ташаккули Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» маълумот медиҳад. Вижагии ин фасл дар он аст, ки диссертант раванди ба як расонаи байналмилалии бонуфуз табдил ёфтани «Мавҷи Олмон»-ро бомаром баррасӣ намуда, барои муайян намудани мавқеъ ва нуфузи ин расона онро бо дигар расонаҳои Олмон муқоиса намудааст. Ҳамчунин унвонҷӯ ба нишондодҳои оинномавии «Мавҷи Олмон» таваҷҷуҳ намуда, қайд мекунад, ки тибқи оиннома ҳадафи ин расона «мусоидат ба ҷомеаи сулҳомез ва устувори ҷаҳонӣ мебошад» [диссертатсия, с. 53]. Хеле ҷолиб аст, ки диссертант ҳамчунин ба баъзе гузоришу мақолаҳое, ки фаъолияти Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таҳлилу интиқод намудаанд, ишора менамояд. Аз ҷумла, дар такя ба фикру мулоҳизоти Ф. Эвершор ва дигар муҳаққиқон андешаеро тақвият мебахшад, ки «расонаҳои байналмилалӣ аз муҳимтарин унсурҳои сиёсии муборизаи байни кишварҳои абарқудрат ба шумор меравад ва ба мавҷудияти онҳо аҳамияти махсус зоҳир мегардад» [диссертатсия, с. 63].

**Боби дуюми** диссертатсия **«Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ»** унвон дошта, он низ аз 2 фасл иборат мебошад. **Фасли якуми боби дуюм «Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ»** ном дошта, дар он ба расонаҳои байналмилалие, ки дар фазои иттилоотии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нақш доранд, таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Диссертант ҳадаф ва вазифаҳои таъсиси расонаҳои байналмилалиро баррасӣ намуда, дар ин раванд то кадом андоза мавқеъ пайдо кардани онҳо дар фазои иттилоотии кишварҳои алоҳидаро низ таҳқиқ намудааст. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки «набояд гумон кард, ки фаъолияти расонаи як кишвар дар фазои иттилооти кишвари дигар танҳо ба хотири таъмини мардум ва аудиторияи он ба ахбори холису воқеӣ мебошад, балки ҳадафи аслӣ тавассути иттилои ба кишвари худ мувофиқ амалисозии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад» [диссертатсия, с. 67]. **Фасли дуюми боби дуюм «Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон»** ном дорад. Дар ин фасл бевосита фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон ба пажуҳиш кашида шудааст. Муаллифи диссертатсия аз нигоҳи илмӣ самтҳои фаъолияти расонаҳои байналмилалиро муайян намуда, вобаста ба ҳар яке аз онҳо маълумот додааст. Хулосаи муаллиф «расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муассир доранд» бозгӯи воқеият аст. [диссертатсия, с. 106].

**Боби сеюми** диссертатсия **«Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»»** унвон дошта, он низ аз ду фасл иборат мебошад. **Фасли якуми боби сеюм «Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар Ширкати радио ва телевизиони «Мавчи Олмон»** мебошад. Дар ин фасл ҳадафҳо ва вазифаҳои барномасозӣ, шаклу усулҳои таҳия ва пешниҳоди матолиб дар расонаи байналмилалии «Мавҷи Олмон» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия «дар барномаҳои «Мавҷи Олмон» риояи усулҳо ва этикаи касбии рӯзноманигорон нисбат ба дигар ВАО-и ҷаҳонӣ бартарӣ доранд» [диссертатсия, с. 113]. Ҳамчунин, дар ин фасл ба таври муқоиса аудиторияи расонаи мавриди назар бо дигар расонаҳои байналмилалӣ нишон дода шуда, умумият ва тафовутҳо дар фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ низ пажуҳиш шудааст. **Фасли дуюми боби сеюм «Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар»** ном гирифта, дар он то кадом андоза сарчашмаи маълумот барои дигар расонаҳо будани матолиби расонаи байналмилалии «Мавҷи Олмон» мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Диссертант ба сифати сарчашмаи маълумот барои дигар воситаҳои ахбори омма шинохта шуданро яке аз шартҳои асосии эътирофи як расона ба ҳайси расонаи байналмилалӣ медонад, ки аз ин нигоҳ баррасӣ шудани мавзуъ ин фасли диссертатсияро мукаммалтар намудааст. Аз ҷумла расонаҳои ҳам ҳукуматию ва ҳам ғайриҳукуматии Тоҷикистон матлабҳои «Мавҷи Олмон»-ро истифода мебаранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар 10 банд манзур гардида, натиҷаи таҳлилу баррасиҳои доманадори ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф, вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии диссертатсия мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 3 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли Ширкати радио ва

телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) сазовор мебошад. Тахассуси илмии довталаб дар зинаи магистратура ва докторантураи фалсафа (PhD) ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои илмӣ камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ва дар ҷараёни нашри монография дар мадди назар доштани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Ба назари мо, мебоист, ки дар диссертатсия мавзуи истифодаи жанрҳои журналистика дар инъикоси вокеоти Осиёи Марказӣ ва махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расонаҳои байналмилалии аврупоӣ ба таҳқиқ кашида мешуд. Зеро инъикос дар воситаҳои ахбори омма тавассути жанрҳо амалӣ мегардаду баррасии он диссертатсияи мазкурро боз ҳам пурмазмунтар мегардонд.

2. Дар диссертатсия таваҷҷуҳ ба таҳқикоти муҳаккиқони ватанӣ камтар ба мушоҳида мерасад. Агар дар баъзе фаслҳои кор аз онҳо истифода бурда мешуд, ҳусни илмии кор меафзуд.

3. Диссертант дар таълифи диссертатсия мавкеъ ва назари хоси худро дошта, нисбат ба баъзе андешаҳо назари дигаргун баён карда, доманаи баҳсу мунозира густурдааст, ки ин хуб аст. Аммо ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар пажуҳиш иқтибосҳо бидуни таҳлил пайи ҳам оварда шудаанд.

4. Дар кори диссертатсионӣ довталаби дараҷаи илмӣ дар баробари услуби илмӣ услуби публитсистиро низ истифода бурдааст, ки он ислоҳ меҳоҳад.

5. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия: с. 19, 33, 52, 58, 67 ва 85 ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Кабудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори пажуҳишии мазкурро кам намекунанд. Зеро муаллифи диссертатсия вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи лозимӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои қолиби таҳлилию касбӣ дарёфт намудан имконпазир мебошад.

Диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) сазовор аст. Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 12-уми марти соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №5, аз 12.03.2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Галимова Моҳинур**

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонӣ **Муъминҷонов Зулфиддин**

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими
калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонӣ **Мулоева Нишона**

**Имзоҳои М. Галимова, З. Муъминҷонов**
**ва Н. Мулоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода» **Нуридинзода Фаридун**

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45. E-mail: www.ddst.tj
12 марти соли 2026.